# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба рисолаи номзадии Раҳимзода Қурбоналӣ Назар дар мавзӯи «Ҳаёти илмии халқи тоҷик дар асрҳои XI-XII» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 – Таърихи илм ва техника (илмҳои таърих)**

Аз рӯйи солҳои нашри мақолаҳо ва марҳилаҳои омӯзиши таҳқиқот маълум аст, ки рисолаи диссертатсионии Раҳимзода Қурбоналӣ Назар натиҷаи таҳқиқоти илмӣ-тахассусие мебошад, ки муҳаққиқ солиёни зиёд бо он машғул шудааст. Дар натиҷаи хулосаҳои бобҳои баррасишаванда, хулосаи умумӣ ва мазмуну мундариҷаи таҳқиқоти мазкур ошкор мегардад, ки рисола ба масъалаҳои мубрами таърихи илм бахшида шуда, бо тахассуси 07.00.10 – таърихи илм ва техника (илмҳои таърих) комилан мувофиқат мекунад.

**Аҳамияти назариявию амалии масъала.** Рисолаи мазкур ба яке аз марҳилаҳои камомӯхташуда ва дар айни замон хеле муҳими таърихи илму фарҳанги тоҷикон ва таърихи илм бахшида шудааст.

Мубрамияти мавзуъ инчунин дар он зоҳир мегардад, ки дар таърихи тамаддуни ҷаҳонӣ таърихи илми ниёгони тоҷикон натанҳо дар Тоҷикистони соҳибистиқлол, балки дар таърихи тамаддуни ҷаҳонӣ ба таври бояду шояд мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст.

Як нуктаи дигар қобили таъкид ва боиси ёдоварӣ ин аст, ки бо фармони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2020-2040 ҳамчун 20-солаи рушди илмҳои дақиқ ва табиию риёзӣ эълон шудааст, ки пажӯҳиши мавзуи мазкур низ аз мубрамияти он шаҳодат медиҳад.

Ҳамин тавр, аҳамият, мубрамият ва зарурияти омӯзишу пажӯҳиши ҳаёти илмии таърихи халқи тоҷик дар асрҳои мавриди назар дуруст ва саривақтӣ мебошад.

Матни рисола пурра инъикоскунандаи мазмуну мундариҷа ва мақсаду вазифаҳои дар мавзуъ баррасишаванда мебошад. Рисола аз муқаддима, ду

боб, ҳафт зербоб, хулосаҳои ҷудогонаи ҳар боб, хулосаи умумӣ ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Дар муқаддима интихоби мавзуъ, аҳамияту дараҷаи омӯзиш, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ, аҳамияти илмию назариявӣ ва амалии кор пурра асоснок ва муайян карда шудааст.

Дар боби аввал "Вазъи илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ", ки аз 4 зербоб иборат аст, рушди илми нуҷум (астрономия ва астрология), риёзиёт (математика ва геометрия), илмҳои физика ва химия (илми табиӣ ва кимиё) ва илми тиб (пизишкӣ ва дорушиносӣ) хеле хуб ва фаҳмо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ба назари мо ҷавҳари асосии диссертатсияи Раҳимзода Қурбоналӣ Назар маҳз ҳамин боби якум ба шумор меравад, ки муаллиф тавонистааст беҳтарин ва маъруфтарин дастовардҳои ниёгони тоҷиконро дар рушди илмҳои риёзиву табииётшиносӣ ва ҳатто техникӣ возеҳу равшан ва дуруст қайд намояд.

Боби дуюм, ки аз се зербоб иборат аст, "Вазъи илмҳои ҷомеашиносӣ" ном дорад. Дар боби мазкур диссертант дар бораи рушди таърихнависӣ, илмҳои фалсафа ва таҳаввулот дар афкори файласуфон ва саҳми тоҷикон дар пешрафти илмҳои исломии асрҳои XI-XII маълумоти муфид додааст. Бояд гуфт, ки дар асрҳои мавриди назар маъмулан илмҳои ҷомеашиносӣ дар ҳамгироии донишҳои риёзиву табииётшиносӣ мавриди баррасӣ қарор мегирифтанд, ки мантиқи баёни диссертант воқеан дурустаст. Зеро файласуфони мо аксаран табиатшинос ва риёзидон низ будаанд.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

– дорои собиқаи тулонии илмӣ будани тоҷикон;
– нақши ниҳодҳои илмию таълимии асрҳои XI-XII дар такомули илмҳои гуногун;
– саҳми донишмандони риштаҳои илмҳои табиатшиносӣ дар рушди илмҳои нуҷум, риёзиёт, тиб ва ғайра;
– хидмати донишмандони тоҷик дар тараққӣ додани илмҳои ҷомеашиносӣ аз қабили таърих, фалсафа ва ғайра;

– нишон додани саҳми донишмандони тоҷик дар пешрафти илмҳои исломӣ;
– нишон додан нақши донишмандони тоҷик дар густариши илми ҷаҳонӣ;
– таъсири осори донишмандони тоҷик ба донишмандони кишварҳои гуногуни олам.

Ҷиҳати пурарзиш ва аҳамиятноки кор инчунин дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф тавонистааст таваҷӯҳи Президенти мухтарами кишварро доир ба ин мавзуъ баён созад.

Хулосаи бобҳо ҳамчун натиҷаҳои таҳқиқот дар охири рисола муҳтавои асосии диссертатсияро хеле муфассал инъикос намудааст, ки аз он иҷмолан ба таври зайл хулосагирӣ кардан мумкин аст:

1. Илми нуҷум (астрономия), ки дар таърихи халқи тоҷик собиқаи хеле тулонӣ, пурбор ва арзишманде дорад, дар асрҳои XI-XII низ пешрафт ва дастовардҳои бузургеро соҳиб гардида, тавассути осори гаронқадри мунаҷҷимони тоҷик дар ҷаҳони асримиёнагӣ шуҳрати бузург пайдо намуд.

2. Муҳимтарин дастовардҳои донишмандони тоҷик дар риштаи риёзиётро метавон чунин хулоса кард: Кушёри Гелонӣ бори аввал дар ҷаҳон силсилаи ҳисоби шастиро пурра маълум намуда, усулҳои махсуси аз тахти решаи квадратӣ ва кубӣ баровардани ададҳоро кашф намуд. Абунасри Ироқӣ чандсад сол пеш аз Франсуа Вапиди аврупоӣ (1540- 1603) нахустин бор ба мафҳуми мусалласи кутбӣ ишора карда, аз он дар сохти мусаллас бо зовияҳои маълум баҳра бурдааст. Абулҳасани Насавӣ усули соддатарини аз решаҳои квадратӣ ва кубӣ баровардани ададро пешниҳод карда, ки риёзидонони аврупоӣ П. Руффини дар соли 1804 ва У. Гарнер дар соли 1819 онро такмил додаанд. Абурайҳони Берунӣ дар улуми риёзиёт нахустин китоби мустақили тригонометрияи куравиро дар ҷаҳон бо номи «Мақолиду илм-ил-ҳайат» («Калиди дониши ҳайат») таълиф намуд. Умари Хайём дар осори риёзиаш ба таҳқиқи геометрии муодилаҳои алгебравӣ пардохт ва аз 14 навъи муодилаҳои дараҷаи сеюм 12-тои онҳоро кашф кардааст. Вай дар таърихи илми математика бори аввал дар ҷаҳон пешниҳод кард, ки

муодилаҳои дараҷаи сеюм тавассути радикалҳои квадратӣ, яъне ба воситаи паргор ва ҷадвал умуман ҳал намешаванд.

3. Донишмандони тоҷик дар рушду такомули илмҳои физика ва химия низ саҳми болиғ гузоштаанд. Чунончи, Ибни Ҳайсам дар таърихи илми ҷаҳонӣ ба ҳайси яке аз поягузорони илми оптика шинохта шудааст. Абурайҳони Беруниро дар радифи Закариёи Розӣ метавон яке аз поягузорони физикаи амалии асримиёнагӣ донист. Абурайҳони Берунӣ нахустин шуда дар таърихи илми ҷаҳонӣ амалияи тарзи озмоиши таҷрибаҳои амалиро ба миён гузошт ва тавонист, ки ба воситаи асбоби ихтироънамудаи худ филизоту гавҳарҳоро то дараҷае тасниф кунад, ки аз нишондодҳои илмии замони ҳозира кам фарқ мекунанд. Абуалӣ ибни Сино ба ҳайси яке аз асосгузорони мафҳумҳои «импулс» ва «инертсия» дар илми физика шинохта шуда, вай ҳамчунин дар категорияи вақт якҷоя будани модда ва ҳаракати онро бори аввал дар ҷаҳон ба миён гузоштааст. Яъне ҷудоии ҳаракатро аз замону макон рад кардааст.

4. Илми тибби тоҷикон, ки аз китоби энсиклопедии «Авесто» сарчашма мегирад, дар асрҳои XI-XII ба авҷи аълои худ расида буд. Аз миёни чаҳор нафар донишмандони бузурги тибби асримиёнагии ҷаҳон: Муҳаммад Закариёи Розӣ, Алӣ ибни Аббоси Маҷусӣ, Абуалӣ ибни Сино ва Исмоили Ҷузҷонӣ, ки ҳамаи онҳо тоҷик буданд, ду нафарашон, яъне Абуалӣ ибни Сино ва Исмоили Ҷузҷонӣ дар давраи мавриди назари мо асар офарида, шуҳрати ҷаҳонӣ касб намудаанд. Абуалӣ ибни Сино дар ихтирои бисёре аз паҳлуҳои гуногуни илми пизишкӣ аввалин ва ё яке аз аввалинҳо дар ҷаҳон буд.

5. Дар тули асрҳои XI-XII дар марказҳои муҳимми илмию фарҳангии Эронзамин, аз ҷумла тахтгоҳҳои подшоҳону ҳокимон осори муҳимми таърихӣ таълиф гашта, ки хушбахтона, теъдоди зиёде аз онҳо то ба рӯзгори мо расидаанд. Аз ҷумла дар «Таърихи Байҳақӣ»-и Абулфазли Байҳақӣ, ки ба забони порсии тоҷикӣ таълиф шудааст, бори аввал дар таърихнигории давраи

исломии халқи тоҷик вожаи тоҷик дар шакли «тозик» истифода шуда, муаллифи ин китоби арзишманд худро бо ифтихор тоҷик гуфтааст.

6. Дар давраи мавриди назар дар риштаи улуми фалсафа мактабҳо, равияҳо, ҷараёнҳо ва ҷаҳонбиниҳои гуногун аз қабили фалсафаи машшоъ, фалсафаи калом, муътазила, ашъария, фалсафаи тасаввуф, фалсафаи ишроқ, фалсафаи исмоилия ва ғайра вуҷуд доштанд, ки мутафаккирони он замон пайрави ин ҷараёнҳои мухталиф буданд. Фалсафаи асрҳои XI-XII-ро наметавон бидуни рушди илмҳои табиийётшиносӣ тасаввур кард.

7. Тоҷикон дар густариши илмҳои исломӣ (фиқҳ, тафсир, ҳадис, калом) аз оғози паҳн гардидани ислом ва дар давраи мавриди назари муаллиф низ беҳтарин ва бузургтарин хидматро кардаанд, ки чунин хидматро ҳатто арабҳо накардаанд.

Дар натиҷа муаллиф тавсияи истифодаи амалии кори диссертатсионии худро хеле назаррас ба таври зайл баён кардааст:

1. Натиҷаҳои илмии мавзуи таҳқикро чун кумакмавод метавон барои навиштани таърихи илму фарҳанги асрҳои XI-XII-и таърихи халқи тоҷик истифода намуд.

2. Дар асоси маводи ин диссертатсия метавон дар факултетҳои гуногуни макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба таърихи илмҳои гуногуни халқи тоҷик дар асрҳои XI-XII омӯзиши курсҳои махсус ҷорӣ намуд.

3. Мазмуни асосӣ, хулосаҳо ва маводи диссертатсияро метавон зимни таълифи асарҳои маҷмуӣ роҷеъ ба таърихи фарҳанги халқи тоҷик, инчунин, зимни хондани курсҳои лексионӣ ва курсҳои махсус аз фанҳои «Таърихи халқи тоҷик» ва «Таърихи илму фарҳанги халқи тоҷик» васеъ истифода намуд.

4. Осори мутааддид ва гаронбаҳои донишмандони давраи мавриди назари мо имкон медиҳад, ки рушди соҳаҳои гуногуни илм дар алоҳидагӣ мавриди таҳқиқот қарор гирад.

5. Доир ба саҳми донишмандони тоҷик дар ташаккулу такомули илм ва таъсири осори онҳо дар густариши илми Мағрибзамин ташкил намудани

курси махсус барои донишҷӯёни риштаҳои гуногуни мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз фоида холӣ нест.

6. Осори чопнашудаи дар риштаҳои гуногун таълифнамудаи донишмандони асрҳои XI-XII-и тоҷикро аз забони арабӣ тарҷума ва аз хатти форсӣ ба хатти имрӯзаи тоҷикӣ бояд баргардон намуд, ки ин амал дар кори худшиносӣ ва афзудани ифтихори миллии тоҷикон, бахусус ҷавонон кумаки ҷиддӣ хоҳад расонид.

Бояд гуфт, ки маҷмӯи натиҷаҳои дар ҷараёни таҳқиқоти назариявию амалӣ ҳосилшуда доир ба ҳаёти илмии таърихи халқи тоҷик дар асрҳои мавриди назар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои навиштани курсҳои махсуси таърихи илм ва техника тавсияи муфиде барои донишҷӯён, унвонҷӯён, магистрантон ва докторантони оянда оид ба ихтисоси 07.00.10 таърихи илм ва техника (илмҳои таърих) ба шумор меравад.

Умуман рисола бо забони фаҳмои илмӣ таълиф гардида, вазифаю ҳадафи мавзӯъро пурра тавсиф мекунад.

Дар баробари муваффақиятҳои назаррас ба сифати эрод чанд нуктаро таъкид кардан ба манфиати кор хоҳад буд.

1. Хуб мебуд, ки муаллиф дар як замима роҷеъ ба раддабандии илмҳои ақливу нақлии асрҳои мавриди назар диқати махсус медод.

2. Беҳтар мебуд, ки муаллиф саҳми донишмандони шинохтаи тоҷикро дар асрҳои мавриди назар дар мисоли мактаби илмии ҳар яке аз онҳо равшантар нишон медод.

3. Агарчанде мусалсалии баёни ҳадафи рисола ва пайдарпайии гузариши бобҳову зербобҳо дуруст тасниф гардида, дар ниҳоят хулосаҳои муҳим ва тавсияҳои зарурӣ нишон дода шудаанд, вале, ба назари мо, хулосаи мухтасари ҳар боб дар охири бобҳо қиммати волои рисоларо боз ҳам арзишманд мегардонид.

4. Дар автореферат ва диссертатсия хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ аҳёнан ба чашм мерасанд.

Албатта эродҳои овардашуда ҷузъӣ буда, характери тавсиявӣ доранд ва ба арзиши волои назариявию амалии рисола таъсире надоранд, аз ин рӯ месазад гуфт, ки муаллиф метавонад дар пажӯҳишҳои баъдинаи худ онҳоро ба назар гирад.

Мазмуну муҳтавои рисола бо фишурдаҳои он, ки ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таълиф гардидаанд, мувофиқати комил дошта, мундариҷаи корро якҷоя бо мақолаҳои таълифнамудаи унвонҷӯй, ки фарогири 12 адад мебошанд, пурра инъикос мекунанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Раҳимзода Қурбоналӣ Назар дар мавзуи «Ҳаёти илмии халқи тоҷик дар асрҳои XI-XII» тадқиқоти пурра анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад.

Диссертатсияи Раҳимзода Қурбоналӣ Назар дар мавзуи «Ҳаёти илмии халқи тоҷик дар асрҳои XI-XII» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 – таърихи илм ва техника (илмҳои таърих) сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Ноиби ректор оид ба илм ва инноватсия,
Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба
номи Имоми Аъзам-Абуҳанифа,
доктори илмҳои таърих, профессор Қурбонов Баҳром Раҳмонович

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе,
Кучаи Шодмонӣ-58/1
Тел: 992372-224-13-79

Имзои профессор Б.Р Қурбонов.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо,
таъминоти ҳуқуқӣ ва коргузорӣ
ДИТ ба номи Имоми Аъзам-Абуҳанифа Ҷомадов Х.

«29» 08 соли 2023